**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-066-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (Phd)-ДОКТОР АЗ РУЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №__**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз «31» майи соли 2025, таҳти №14**

Барои сазовор донистани Сахиёр Раҳимуллоҳ, шаҳрванди Афғонистон додани дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ.

Диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи **“Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ, санаи 03-уми марти соли 2025, суратмаҷлиси № 12 аз ҷониби шурои диссертатсионии **6D.КОА-066-и** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.07.2024 с., №223) ба ҳимояи қабул карда шудааст.

Довталаб Сахиёр Раҳимуллоҳ шаҳрванди Афғонистон, миллаташ тоҷик, 20 марти соли 1986 дар вилояти Панҷшер, деҳаи Товах, дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Сахиёр Раҳимуллоҳ таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумиро дар литсейи олии Ғулом Ҳайдар Хон дар шаҳри Кобул бо баҳои аъло хатм намуда, сипас бо супоридани имтиҳони гузариш соли 2008 ба факултети тарбияву омӯзгории Донишгоҳи таълим ва тарбияи Кобул дохил шуда, соли 2012 донишгоҳи мазкурро бо баҳои аъло аз руйи ихтисоси психология хатм намудааст.

Бинобар шавқу рағбати зиёд ба касби омӯзгорӣ, 23 августи соли 2015 ҳамчун омузгори фанни психология дар кафедраи психология ва илмҳои тарбиявии факултети омӯзгории Донишгоҳи Балх фаъолият намудааст.

Соли 2019 Сахиёр Раҳимуллоҳ аз руйи ихтисоси мудирияти таълимии факултети психологии Донишгоҳи Кобул дараҷаи магистрии худро хатм намудааст.

Сахиёр Раҳимуллоҳ аз соли 2021 тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09.04.2021 таҳти №128-05 дар кафедраи психологияи факултети фалсафа ба ҳайси докторант Phd-и кафедра кори таҳқиқотии худро оғоз карда, соли 2023 докторантурарo аз руйи ихтисоси мазкур бомуваффақият хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони маҷмуи аз санаи 30-юми июни соли 2023, таҳти № 83 аз ҷониби Донишгоҳи милли Тоҷикистон дода шудааст.

Мавзуи диссертатсияи дараҷаи доктори фалсафа Phd дар маҷлиси кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17-уми марти соли 2021, суратмаҷлиси № 8 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафаи ДМТ аз 31-уми марти соли 2021, суратмаҷлиси № 9 таҳти унвони "Таҳқиқи робитаи бекорӣ ва афсурдагӣ дар ҷавонони шаҳри Кобул"тасдиқ шудаст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Раҷабзода Насим Мирзохудои** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Рустамов Шавкат Шуҳратович** - доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Бухорои Ҷумҳури Ӯзбекистон.

**Латифзода Сомон Зариф** - доктори фалсафа Phd аз рӯйи ихтисоси психология, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишкадаи такмили ихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби

ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Тураев Ё.  омода карда шуда ва дар семинари васеъи илмӣ-назариявии кафедраҳои психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо роҳбарии раиси машварати илмӣ-методӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент С.М. Саидмирова имзо гардида ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ Ибодуллозода А.И. доктори илмҳои таърих, профессор тасдиқ шудааст.

Дар тақризи худ қайд менамоянд, ки диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзуи "Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул" ба бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Сахиёр Раҳимуллоҳ сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мебошад

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда, он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси психология корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Сахиёр Раҳимуллоҳ алоқамандӣ доранд.

Довталаб 9 маводи чопӣ дорад, ки аз инҳо 7-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои чопшудаи муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**А.Интишорот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сахиёр, Р. Омилҳои хастагӣ ва роҳҳои табобати он [Матн] / Р. Сахиёр // Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ. –2022. –№3. –С. 138-142.

[2-М]. Сахиёр, Р. Нишонаҳои хастагӣ ва пешгирии он [Матн] / Р. Сахиёр // Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2022. –№4. –С. 152-157.

[3-М]. Сахиёр, Р. Бекорӣ ва таъсироти номамлуби он бар афради ҷомеа [Матн] / Р. Сахиёр // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илми-ҷамъиятшиносӣ. –2023. –№2. –С. 192-199.

[4-М]. Сахиёр, Р. Сабабхои бекорӣ ва пайомадҳои ногувори он аз дидгоҳи психологӣ [Матн] / Р. Сахиёр // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмиву методӣ. –2023. –№2. –С. 51-57.

[5-М]. Раҷабзода, Н. М., Сахиёр, Р. Пайдошавии нишонаҳои депрессия дар рафтори инсон [Матн] / Р. Сахиёр, Н. М. Раҷабзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмиву методӣ. –2023. –№3. – С. 98-103.

[6-М]. Сахиёр, Р. Омилҳои бавуҷудоварандаи депрессия ва роҳҳои пешгирӣ намудани он [Матн] / Р. Сахиёр // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмиву методӣ. –2023. –№4. –С. 155-160.

[7-М]. Раҷабзода, Н. М., Сахиёр, Р. Таъсири бекорӣ ба ҳолати афсурдагии афрод [Матн] / Р. Сахиёр, Н. М. Раҷабзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. –2024. –№1. –С. 181-190.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

**Саидов А.И** доктори илмҳои психологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд. Дар тақриз эроди зерин ҷой дорад: муаллиф зимни таҳияи кори мазкур ба баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ, инчунин дар баъзе ҳолатҳо ба такрори шарҳи масъала роҳ додааст, ки бартараф кардани онҳо бар манфиати кор хоҳад буд.

**Каримзода М** доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз эрод надорад.

**Саидзода А.Р** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, директори Муассисаи давлатии таълимии "Литсейи касбии техникии сохтмони шаҳри Душанбе". Дар тақриз чунин эрод вуҷуд дорад: дар кор баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

– бори аввал кӯшиш карда шудааст, ки робитаи бекорӣ бо депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобули Афғонистон таҳқиқ карда шавад;
– зимни таҳқиқот чунин намудҳои депрессия: депрессияҳои сабук (афсурдахӯйи, депрессияи шайдоӣ, депрессияи мавсимӣ, депрессия миёна), депрессияҳои асосӣ (депрессияи клиникӣ, молихулиёӣ, равонпарешонӣ, депрессияи ғайри маъмулӣ) муайян карда шуд;
– сабабу омилҳои ба ҳолати депрессия гирифтор гаштани ҷавонон ба тариқаи зайл муайян карда шуд: омилҳои генетикӣ; механизмҳои зистшиносӣ-биологӣ; омилҳои асабӣ-ғадудӣ; омилҳои шахсиятӣ; омилҳои иҷтимоӣ; рӯйдодҳои стрессовари зиндагӣ; канораҷӯйи иҷтимоӣ; сироятшавии иҷтимоӣ; омилҳои фақр;
– бори аввал оқибатҳои психологии бекорӣ ва депрессия дар ҳаёти ояндаи ҷавонони шаҳри Кобул ба таври зерин муайян карда шуд: таъсири бекорӣ бар депрессия, таъсири бекорӣ бар фақри иқтисодӣ, вобастагӣ ва одаткунӣ, таъсири бекорӣ бар ҳувийят, таъсири бекорӣ бар бухрони ҳувийят;
– барои аниқ кардани ташхиси психологии бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул аз ҷадвали Карҷси ва Морган истифода карда шуд, ки нисбат ба формулаҳои баҳодиҳии андозаи интихоб усули содатар аст ва барои бадастовардани намунаҳои зарурӣ мусоидат мекунад;

- коркарди методикаҳои ташхисии хусусиятҳои шахсияти бекорон ба таври озмоишӣ санҷида шуда, робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул муайян карда шуд;
- бори аввал тавсияҳо дар бораи бартарафнамоӣ ва офиятбахшии ҳолати номатлуби депрессия дар байни ҷавонони афғон таҳия карда шуд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.**

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро метавон дар таҳияи курсҳои омӯзишӣ ва навиштани китобҳои дарсӣ дар мавзуи оқибатҳои ногувори бекорӣ, дар омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус дар соҳаи психологияи иҷтимоӣ, методологияи мутобиқшуда ва амалияи равонпизишкӣ ба таври васеъ истифода бурд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Вазифаҳои асосии унвонҷӯй аз муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян кардани мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқот, пешниҳоди масъалаҳои муҳимми таҳқиқот, таҳлил ва таркибнамоии натиҷаҳои бадастомада иборатанд. Масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳоду хулосаҳое, ки мазмуни рисоларо ташкил медиҳанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф дониста мешаванд. Дар воқеъ, дар доираи баррасии масъалаи таҳқиқот механизмҳои муайян кардани “гурӯҳи бекорон» дар робита ба гирифтори ба ҳолатҳои гуногуни депрессия тарҳрезӣ карда шуданд.

Илова бар ин, санҷишҳои вазъиятҳои бекорӣ ва хусусиятҳои психологӣ аз қабили «Пурсишномаҳои бекорӣ» ва «Пуршишномаи депрессияи Бек» бо назардошти ниёзҳои равонии иҷтимоӣ ба шароити

Ҷумҳурии Имороти Афғонистон аз ҷониби унвонҷӯй мутобиқ карда шудаанд, ки таҷрибаи аввалин буда, аҳаммияти махсуси амалӣ доранд.

Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 31-уми майи соли 2025 қарори сазовор донистани Сахиёр Раҳимуллоҳ дар мавзӯи "Таҳқиқи психологии робитаи бекорӣ ва депрессия дар байни ҷавонони шаҳри Кобул" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Phd, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ, қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ ____13_____ нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм ___2 нафар наздик ба ихтисоси диссертатсия. Аз ___13__нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор _13___ нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Н.М. Юнусова**

**Котиби шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои психологӣ, дотсент** **З.Р.Сафарова**

**31.05.2025**